**ХУЛОСАИ**
**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Парвандаи аттестатсионии №11**
**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 02.04.2021 с., тахти №37**

Дар бораи ба Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ.

Диссертатсия дар мавзӯи «Тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI» аз рӯи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, санаи 2-юми декабри соли 2020, суратмаҷлиси №29 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.12.2017 с., №16) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ, Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович соли таваллудаш 1972, соли 1994 факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айниро хатм намудааст. Соли 1994 ба сифати ассистенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав ба кор қабул шудааст. Соли 2017 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав шомил гардидааст (фармоиш дар бораи қабул аз 29.05.2017 с., №42[а]-фа).

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилали Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав иҷро шудааст.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав аз 29-уми майи соли 2017, суратмаҷлиси №10 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия–Тоҷикистон Саидов Ҳомид.

**Муқарризони расмӣ:**

**Искандаров Акбаршо Искандарович** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, мудири шуъбаи масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Сафолзода Муҳаммадӣ Қурбон** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, номзади илмҳои фалсафа Маҷидов Диловар Ҳафизович имзо ва аз ҷониби ректори донишкада, доктори илмҳои филологӣ Гулназарзода Ж. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович дар мавзӯи «Тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI» аз рӯи навгонии илмӣ, мубрамият ва аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳо 10-12, 14 ва 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия саҳеҳ ва асоснок буда, ба ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии

муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои илм, маориф ва фарҳанг алоқамандии зич дорад.

Унвонҷӯ 6 маводи интишорӣ дорад, ки аз онҳо 4-тояш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

[1-М]. Мамадгафуров, И.Э. Эволюция внешней политики Афганистана в контексте общественно-политических процессов начала XXI века [Текст] / И.Э. Мамадгафуров // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. – № 3. – С.293-298.

[2-М]. Мамадгафуров, И.Э. О некоторых особенностях формирования концепции международного сотрудничества Афганистана [Текст] / И.Э. Мамадгафуров // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. – № 9. – С.30-33.

[3-М]. Мамадгафуров, И.Э. Трансформация политической системы Афганистана и её влияние на внешнюю политику [Текст] / И.Э. Мамадгафуров // Вестник Таджикского национального университета. – 2020. – № 1. – С.49-53.

[4-М]. Мамадгафуров, И.Э. Формирование нового международного имиджа Исламской Республики Афганистан после президентских выборов [Текст] / И.Э. Мамадгафуров // Вестник Таджикского национального университета. – 2020. –№ 2. – С.44-49.

**II. Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба табърасида :**

[5-М]. Мамадгафуров, И.Э. Характеристика конституции Афганистана в республиканский период [Текст] / И.Э. Мамадгафуров // Международная научно-теоретическая конференция в честь 28-летия

Государственной независимости РТ, 25-летия принятия Конституции Республики Таджикистан и 22-летия Национального согласия на тему «Глобализация и диалог культур на современном этапе». – Бохтар, 2019. - С.285-289.

[6-М]. Мамадгафуров, И.Э. Современные вызовы и угрозы пограничной безопасности Республики Таджикистан [Текст] / И.Э. Мамадгафуров // Межвузовская научно-практическая конференция на тему "Внешняя политика Республики Таджикистан в контексте современных глобальных угроз и вызовов". - Душанбе, 2020. - С.87-89.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Аз ҷониби доктори илмҳои сиёсӣ, раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон (ҲХДТ) Миралиён Қиёмиддин; номзади илмҳои сиёсӣ, мудири кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Муродова Г.Р.; номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, Сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Ҳакимов Р.М.; номзади илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхуҷа Сатторов Сафаров С.С.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснок манзур шудааст, ки дар таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ ба инобат гирифта мешаванд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ:**

- асосҳои илмӣ-методологии таҳлили дурнамои сиёсати хориҷӣ тахия **карда шуд.**

- хусусиятҳои ташаккули манфиатҳои миллӣ ва фаъолияти хориҷии давлатҳои рӯ ба инкишоф **муайян шудааст.**

- заминаҳои таҳаввулоти сиёсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон **ошкор шудааст.**

- таҳаввулоти рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон **баррасӣ шудааст.**

- ташаккули сиёсати хориҷии Ҳукумати ваҳдати миллии Афғонистон мавриди таҳқиқ **қарор гирифтааст.**

- рушди сиёсати бисёрсамтаи Ҳукумати ваҳдати миллии Афғонистон **муайян шудааст.**

- ҷиҳати беҳтар намудани сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон тавсияҳо **пешниҳод шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба он асоснок карда шудааст, ки:**

-натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва такмили сиёсати хориҷӣ мусоидат мекунад.

-масъалаҳои назарӣ ва усулии таҳаввулоти сиёсати хориҷӣ баррасӣ карда шудааст.

-мушкилоти асосии таҳаввули сиёсати хориҷӣ таҳқиқ шудааст.

-бобати тағйирёбии сиёсати хориҷӣ пешниҳоду тавсияҳо пешкаш шудааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ба сифати заминаҳои методологии таҳқиқот усулҳои умумимантиқӣ, индуктивӣ ва детуктивӣ, таснифот ва низомнокӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва ғайра истифода бурда шудаанд.

Тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷӣ дар ибтидои асри XXI, ки асосҳои илмӣ-методологии рушди сиёсати хориҷиро муайян менамояд, ошкор гардиданд.

Чун заминаи назариявӣ аз осори олимони ватанию хориҷӣ, ба монанди Ҷ. Латифов, Ш.З. Имомов, Қ. Искандаров, А. Мубориз, М. Азимӣ, М. Фақирӣ, Ш. Ҳақшинос, К. Ранҷбар, О.П. Селянинов, А.В. Торкунов, О.Г. Абакаров, И.А. Василенко, М.В. Илйин, В.П. Макаренко, З.И. Назаров, Г.А. Поздняков, И.Л. Прохоренко ва дигарон **омӯхта шудаанд.**

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф барои амалия бо он собит мегардад, ки:**

- маводи диссертатсия метавонад ҳангоми тадриси фанни таълимии “Сиёсатшиносӣ”, “Низоъшиносӣ”, “Муносибатҳои байналхалқӣ”, ҳангоми корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирад;
- муайян шудааст, ки таҳқиқот заминаи хубе барои таҳлили вазъи равандҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад;
- таклифу пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои рушди раванди сиёсӣ кумак расонад ва воситаҳои мубориза бо хатарҳои нав имконпазир гардад.

**Баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор намуд, ки:**

– асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмии олимон ва муаллифон, ки дар шакли монографияҳо, дастурҳои таълимӣ, мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи байналмилалӣ, Паёмҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, маводҳои воситаҳои ахбори омма, махзанҳои электронии интернетӣ, сомонаҳои расмии вазорату идораҳои дахлдори соҳавӣ ташкил менамоянд.

– натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ ҳангоми таҳлили механизмҳои коркарди сиёсати хориҷии давлатҳои ИДМ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон метавонанд хизмат кунанд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** бевосита дар омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳо ва дигар дастовардҳо ифода меёбад, ки онҳо аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шудаанд. Саҳми шахсии муаллиф инчунин дар пешниҳодҳо доир ба беҳтар намудани сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва муайян намудани дурнамои он инъикос меёбад. Ҳамзамон саҳми шахсии унвонҷӯ дар тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот дар

конференсияҳо, семинарҳои илмӣ-амалӣ ва мизҳои мудаввар, дар чопи мақолаҳо оид ба мавзӯи диссертатсия ифода меёбад.

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҷаласаи санаи 2 апрели соли 2021 қарор қабул намуд, ки ба Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 16 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 6 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмӣ 13 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Ҷононов С.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент** **Раҷабов И.Ш.**

**2 апрели соли 2021**